# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Сафарзода Гулистон Сафар дар мавзуи "Нақши барномаҳои давлатӣ дар рушди соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод гардидааст

Унвонҷӯй Сафарзода Гулистон Сафар мавзӯеро барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихоб намудааст, ки муҳим ва мубрам аст, зеро мактабу маориф дар шароити кунунии рушд ва ҷаҳонишавии низоми таҳсилот ва дастовардҳои беназири технологияи таълимию иттилоотӣ дар сиёсати давлатӣ мақоми меҳвариро соҳиб буда, Ҳукумати ҷумҳурӣ даҳҳо стратегияву консепсия ва барномаҳои давлатии рушди соҳаи маорифро ба тасвиб расонидааст, ки дар рушди маорифи кишвар бе шак нақши басо созгорро мегузоранд.

Ин масоил ва дигар мушкилоту масъалаҳои муҳиму мураккаби ҷаҳони муосир водор месозанд, ки насли наврас донишманду бомаърифат, нововару ихтирокор ба камол расад, агар низоми маориф дар ҷумҳурӣ рушд кунад ва тақдири имрӯзу фардои кишвар аз рушди маориф, ки ҳадафи он татбиқи барномаҳои давлатӣ маҳсуб меёбад, рушд карда метавонад ва ояндаи мамлакат шукуфон хоҳад шуд.

Раванди амалишавии стратегияву барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф таҳқиқу таҳлил ва арзёбии илмиро тақозо мекунад, то ки ба нақши онҳо дар рушди маорифи кишвар баҳои объективона дода шуда, мушкилоти дар роҳи амалисозии талаботи онҳо мавҷуда саривақт бартараф ва дар ин самт боз тадбирҳои амаливу иловагии дигар ба нақша гирифта шаванд. Раванди иҷро ва татбиқи барномаҳои давлатии рушди соҳаи маорифро, қабл аз ҳама дар ҷараёни курсҳои такмили ихтисос метавон амалӣ кард, ки аз мубрамӣ ва аҳамияти бағоят муҳим бархурдор будани мавзуи тадқиқоти диссертатсионии Сафарзода Гулистонро ба таври барҷаста нишон медиҳад.

Дар ин росто муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ хеле бамавқеъ ва воқеъбинона таъкид кардааст, ки то имрӯз масъалаи нақши барномаҳои давлатӣ дар рушди соҳаи маорифи кишвар, иҷрои саривақтии муқаррароти барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф, татбиқи ҳадафҳои стратегии давлат дар соҳаи маориф ба таври бояду шояд ва мукаммал аз ҷониби олимону муҳаққиқони тоҷик мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор дода нашудааст.

Бино бар ин, иқдому ибтикори довталаб дар мавриди ба таври мушаххасу комил аз ҷиҳати илмӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор додани мавзуи раванди татбиқи барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф басо муассиру ҷавобгӯ ба талаботи замон буда, аз муҳим будани мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии эшон шаҳодат медиҳад.

Бояд қайд кард, ки довталаб бо мақсади баррасии ҳаматарафаи мавзуи таҳқиқот адабиёту осори илмии олимону муҳаққиқони зиёди ватаниву хориҷиро омӯхта, вобаста ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониаш таҳлилу таҳқиқ ва кор ба таври густурда мавриди истифода қарор додааст. Дар баробари ин онҳоро арзёбӣ карда, андешаву мулоҳизоти хешро озодона ва аз назари интиқодӣ баён кардааст.

Натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот бадастовардаи унвонҷӯй мақсаднокии истифодаи шароити педагогии пешниҳоднамудаи муаллифи рисоларо дар мисоли нақши барномаҳои давлатӣ дар рушди соҳаи маорифи кишвар тасдиқ мекунанд.

Бояд зикр кард, ки мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз лиҳози назариявӣ ва амалӣ то ба имрӯз ба қадри кофӣ аз ҷониби олимони соҳаи педагогикаи тоҷик мавриди таҳқиқ қарор нагирифта, вобаста ба ин муҳаққиқ дар ин ҷода кори илмӣ-таҳқиқотии шоёнеро, шогирдона бошад ҳам, ба анҷом расонидааст.

Навгонии илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти Сафарзода Гулистон арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқотро бозгӯ карда, собит месозанд, ки муаллифи диссертатсия дар воқеъ таҳқиқотҳои олимон оид ба раванди татбиқи барномаҳои давлатии рушди соҳаи маорифи кишварро ҳаматарафа мавриди омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ қарор дода, проблема ва асосҳои назариявию амалии роҳу усулҳои самарабахши раванди татбиқи барномаҳои давлатии рушди соҳаи маорифро муайян ва коркард кардааст ва дар ин росто самаранокии амсилаҳои пешниҳодкардаашро оид ба вазъ ва раванди татбиқи барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф собит сохтааст.

Бо боварӣ изҳор кардан мумкин аст, ки тавсияҳои методии таҳиякардаи довталаб барои аҳли маорифи кишвар дар самти мактабшиносӣ ҳамчун маводи ёрирасон хизмат хоҳад кард дар самти баланд бардоштани сатҳу сифати таълиму тарбия хизмат хоҳад кард.

Андешаҳои дар боло иброзшуда арзиши илмию амалии диссертатсияи Сафарзода Гулистонро собит сохта, дар иҷрои кори таҳқиқотӣ салоҳиятнокии илмӣ, мустақилият, тафаккури илмӣ доштан ва

соҳиби маҳорату малакаи иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ будани унвонҷӯйиро нишон медиҳад.

Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳои методӣ аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шудаанд.

Ба андешаи банда, довталаб ба мақсадҳои таҳқиқот комёб шуда, вазифаҳои дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузоштаро ҳаллу фасл кардааст. Автореферати диссертатсия ба талабот ҷавобгӯ буда, муҳтавои мухтасари диссертатсияро ифода мекунад. Мақолаҳои дар нашрияҳои тақризшаванда чопнамудаи муаллифи рисола мазмуни таҳқиқотро пурра инъикос мекунанд.

Диссертатсияи Сафарзода Гулистон Сафар дар мавзуи "Нақши барномаҳои давлатӣ дар рушди соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба талаботи Низомнома дар бораи шӯрои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ҷавобгӯй буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор мебошад.

Доктори илмҳои педагогӣ, профессор,
мудири кафедраи забони русии МДТ
«Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон
ба номи Абӯалӣ ибни Сино» Юлдошев У.Р.

14.12.2023

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: "3400003. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони
Сино 29-30: Телефон:+992 985 29 78 (моб.).
Суроғаи электронӣ: 25 @tajmedun.tj.

"Имзои У.Р. Юлдошевро тасдиқ мекунам".

Сардори шуъбаи кор бо кадрҳои
МТД "ДДТТ ба номи
Абуалӣ ибни Сино" Ғаффорзода Абдуҷаббор Саттор